Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Суботи сиёсии ҷомеа масъалаи муҳимтарин ва рӯзмарратарини инкишофи ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Раванди мазкури ҳаёти ҷамъиятӣ тавассути омилҳои гуногун ва дарёфти роҳу воситаҳои мусоид таҳким дода мешавад. Он ифодаи низоми муносибатҳоест, ки доимо дар ҳолати тағйирёбӣ, ташаккул, инкишоф, дигаргуншавӣ ва навсозӣ қарор доранд, ки таҳти таъсири қонунҳои объективии инкишофи ҷомеа сурат мегиранд. Раванди аз як ҳолат ба ҳолати дигари муносибатҳои субъект ва объект гузаштан хосияти доимӣ ва пайваста пайдо менамояд. Он зуҳуроти ниҳоят мураккаб ва пуртазод мебошад, ки дар зери таъсиррасониҳои гуногун қарор гирифтааст.

Масъалаи таъсири назарфиребии сиёсӣ ба раванди суботи сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон ҳамчун масъалаи рӯз таваҷҷуҳи муҳаққиқони мухталифро ба худ мекашад. Моҳиятан ин раванд як зумра нишондодҳо ва унсурҳои махсусеро дар замири худ ифода менамуд. Махсусан, аз лиҳози истифодаи воситаҳои таъсиррасонӣ, технологияҳои навтарини таъсиррасонӣ аз ҷониби неруҳои гуногуни сиёсӣ, ташкилоту ҳаракатҳои

навъи мухталиф бо  мақсадҳои таъсирбахшиҳои манфиашон дар шуури одамон ва мақоми шаҳрвандии онҳо эътибори хосса пайдо менамояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши назарфиребии сиёсӣ ва хусусиятҳои асосии он, пеш аз ҳама, низоми таъсиррасониҳои он ба суботи ҷамъиятӣ муҳиму рӯзмарра арзёбӣ мегардад. Омӯзиши моҳияти раванди рушди назарфиребии сиёсӣ имконият медиҳад, ки аҳамияти падидаи мазкур барои инкишофи идорашавандаи ҷомеа ҳарчи беҳтару возеҳтар дарк карда шавад. Ҷанбаҳои мусбату манфии он мушаххас гардонида шаванд ва дар инкишофи минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври самаранок истифода гарданд. Ҳолати мазкур на танҳо дорои аҳамияти илмию назариявӣ аст, балки бештар хосияти таҷрибавию амалӣ ва сиёсию ҷамъиятии онро низ рӯзмарра мегардонад. Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ С.Ҳ.Нуриддинзода зарурияти омӯзиши масъалаҳои дар боло зикршударо дарк намуда, дар таҳқиқоти хеш онҳоро мавриди баррасии амиқ ва васеъ қарор додааст.

Дар автореферати диссертатсияи С.Ҳ.Нуриддинзода тавсифи мухтасари муқаддима, сатҳи умумии таҳқиқот, бобҳо ва зербобҳои рисола, баррасии натиҷаҳо, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйихати интишороти муаллиф нишон дода шудаанд. Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши онро асоснок намудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд.

Дар боби аввали диссертатсия, муаллиф масъалаҳои назариявию методологии назарфиребии сиёсиро ҳамчун омиле, ки ба раванди суботи ҷомеа таъсиргузор аст, таҳқиқ намуда, андешаҳои хешро дар заминаи таҳқиқоти муҳаққиқони давру замони гуногун дар мавриди таъмини суботи сиёсӣ пешниҳод намудааст. Инчунин, дар ин қисмати

диссертатсия, муаллиф доир ба шаклҳои зоҳиршавии назарфиребии сиёсӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, оқибатҳои манфию ногувори онро нишон додааст. Таваҷҷуҳи асосиро ба истифодаи технологияи муосир аз ҷониби неруҳои гуногуни сиёсӣ дода, самаранокии онҳоро мавриди хулосагирӣ қарор додааст. Инчунин муаллиф кӯшидааст, ки истифодаи технологияҳои муосири иттилоотиро дар фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор диҳад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки номи "Шаклҳои истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар муқобили суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро гирифтааст, С.Ҳ.Нуриддинзода хусусиятҳои асосии омили мазкурро матраҳ намудааст. Ӯ низоми хосаи муқовимат бар назарфиребии сиёсиро нишон дода, вазифаҳои мақсадноки мухолифини суботи сиёсиро дар шароити Тоҷикистон мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои бадастовардашуда ва тавсияҳои муаллиф барои истифодаи амалии дастовардҳои таҳқиқот баён гардидаанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои муайян кардани самтҳои асосии рушди системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳо ва воситаҳои такмили он мусоидат менамоянд.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар коркарди масъала нишон медиҳанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври васеъ инъикос менамоянд.

Дар баробари таҳлилҳо ва натиҷагириҳои хуби кори диссертатсионӣ онро баъзе камбудиҳо ва норасогиҳо ҳамроҳӣ намудаанд, аз ҷумла:

- ҳангоми таҳлили адабиёт муаллиф мебоист ба асарҳои классикони андешаҳои иҷтимоии ватанӣ дар мавриди масъалаи назарфиребӣ

муроҷиат намуда, аҳамияти онҳоро дар раванди омӯзиши масъала нишон медод;

- нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бештар мушаххасиятро талаб доранд. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки масъала бештар ба таври амиқ дарк гардад ва мавриди таҳлили васеъ қарор дода шавад;

- натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро дар заминаи вазифаҳои асосии давраи муосири инкишофи Тоҷикистон таҳлил намуда, барои истифода дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ тавсия намудан рисоларо бештар рӯзмарра мегардонид.

Бояд иқрор гардид, ки чунин хатою норасогиҳо чандон арзиши баланд надоранд ва онҳо наметавонанд қиммати илмии таҳқиқоти мазкурро халалдор намоянд.

Автореферати кори диссертатсионии С.Ҳ.Нуриддинзода дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитстон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологиҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои сиёсӣ,
муаллими калони кафедраи
фалсафаи умумидонишгоҳӣ Х. Қ. Холов

Имзои Х. Қ. Холовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва қисми махсуси ДМТ Э.Ш. Тавқиев